# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳ.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46; Факс: 27 54 49
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

80/A, H. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46; Fax: 27 54 49
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ

**Ҳукумати Ҷопон барои рушди захираҳои инсонӣ дар Тоҷикистон 2,2 миллион доллари ИМА ва барои «Лоиҳаи сохтмони зеристгоҳи барқии системаи асосии энергетикии шаҳри Душанбе» 20,34 миллион доллари ИМА ҷудо менамояд**

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**
**11 августи соли 2026**

11 августи соли 2026 дар шаҳри Душанбе маросими имзо ва табодули ёддоштҳо байни Ҳукумати Ҷопон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кумаки грантӣ барои татбиқи **«Лоиҳаи ҷудо намудани бурсияҳо барои рушди захираҳои инсонӣ (JDS)»** (тақрибан бо маблағи 1,85 миллион доллари ИМА) ва **«Лоиҳаи сохтмони зеристгоҳи барқии системаи асосии энергетикии шаҳри Душанбе»** (тақрибан бо маблағи 20,34 миллион доллари ИМА) баргузор гардид. Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Сарфири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хонум ФУРУТА Кэйко ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Сироҷиддин МУҲРИДДИН дар ҳузури Муовини парлумони вазири корҳои хориҷии Ҷопон, хонум ЭРИ Арфия ба имзо расиданд.

Барномаи JDS ба ҳалли масъалаҳои рушди Тоҷикистон тавассути ҷудо намудани бурсияҳо ба 15 хизматчиёни ҷавони давлатӣ, ки роҳбарониояндаи кишвар маҳсуб меёбанд, барои гирифтани дараҷаи магистр дар чорчӯбаи барномаи дусолаи таҳсил дар магистратураи донишгоҳҳои Ҷопон нигаронида шудааст. Татбиқи лоиҳаи JDS дар Тоҷикистон соли 2009 оғоз ёфтааст. То имрӯз 152 нафар манфиатбарандагони ин барнома гардида, аз он ҷумла 117 нафар дараҷаи магистр ва 2 нафар дараҷаи доктор (PhD)-ро бо муваффақият ба даст овардаанд. Ҳоло онҳо дар таҳкими муносибатҳои байни Ҷопон ва Тоҷикистон нақши пешбаранда доранд.

Тақрибан 21%-и истеъмоли умумии неруи барқи кишвар ба шаҳри Душанбе рост меояд. Интизор меравад, ки дар давраи аз соли 2023 то 2030 ин нишондиҳанда бо сабаби мавсими гармидиҳии зимистона, вуруди аҳолӣ ва тавсеаи фонди манзил, объектҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ дар доираи нақшаҳои азнавсозии шаҳр ҳамасола тақрибан 3% афзоиш меёбад. Лоиҳаи мазкур ба беҳтар намудани системаи тақсимоти неруи барқ дар Душанбе тавассути сохтмони зеристгоҳи нави тақсимотии дорои шиддати 220 кВ ва таҳвили таҷҳизоти дахлдор нигаронида шудааст, ки дар рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва саноатии Тоҷикистон саҳм мегузорад.

Ин лоиҳаҳои кумаки грантӣ самтҳоеро ба монанди «Лоиҳаи рушди захираҳои инсонӣ» ва «Технологияҳои сабз ва устувор» муҷассам менамоянд, ки ба шумораи се соҳаи афзалиятноки ҳамкорӣ дохил мешаванд. Ин самтҳо дар Эъломияи муштараки раҳбарон (Эъломияи Токио) дар натиҷаи Муколамаи “Осиёи Марказӣ ҷамъи Ҷопон” (CA+JAD), ки бори аввал моҳи декабри соли 2025 дар Токио баргузор гардида буд, қабул шудаанд.





